# ПАЖӮҲИШИ ВИЖАГИҲОИ УСЛУБИИ ОСОРИ АСАД ГУЛЗОДА ДАР АДАБИЁТШИНОСИИ ТОҶИКИИ ӮЗБЕКИСТОН

**Дилшодаи Фарходзод Ҳазраткулиён**
Номзади фанҳои филологӣ, дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов, Республикаи Ӯзбекистон
*dilshoda.31@gmail.com*

## АННОТАЦИЯ

Дар мақолаи мазкур ба тарзи фишурда дар бораи вижагиҳои умумии сабки эҷодии шоири бухороӣ Асад Гулзода сухан меравад. Мақсади асосӣ аз баёни вазъи омӯзиши шеъри Гулзода дар адабиётшиносии тоҷикии Ӯзбекистон аст. Дар байни корҳои тадқиқотие, ки дар атрофи шеъри Гулзода анҷом дода шудаанд, мақолаҳои илмии шоири маъруф, олими адабиётшинос Ҷаъфар Муҳаммад арзишмандтару фарогиртар аст.

**Калидвожаҳо**: Асад Гулзода, шеъри тоҷикӣ, Бухоро, шеъри бачагона, куллиёти шоир, муҳаққиқони адабиёт

## ANNOTATSIYA

Ushbu maqolada buxorolik shoir Asad Gulzoda ijodiy uslubining umumiy xususiyatlari haqida qisqacha to‘xtalib o‘tiladi. Bundan ko‘zlangan asosiy maqsad – O‘zbekiston tojik adabiyotshunosligida Gulzoda she’riyatining o‘rganish holatini bayon etish. Gulzoda she’riyati atrofida olib borilayotgan tadqiqot ishlari orasida atoqli shoir, adabiyotshunos olim Ja’far Muhammadning ilmiy maqolalari qimmatliroq va qamrovliroqdir.

**Kalit so‘zlar:** Asad Gulzoda, tojik she’riyati, Buxoro, bolalar she’riyati, shoir ijodi, adabiyotshunos olimlar

## АННОТАЦИЯ

В данной статье кратко рассматриваются общие черты творческого стиля бухарского поэта Асада Гулзода. Основная цель - описать статус изучения поэзии Гулзоды в таджикском литературоведении Узбекистана. Среди исследовательских работ, проведенных вокруг поэзии Гулзоды, наиболее ценными и исчерпывающими являются научные статьи известного поэта, литературоведа Джафара Мухаммада.

**Ключевые слова**: Асад Гулзода, таджикская поэзия, Бухара, детская поэзия, творчество поэта, литературоведы

**ABSTRACT**

This article briefly discusses the general features of the creative style of Bukhara poet Asad Gulzoda. The main purpose is to describe the status of studying Gulzoda's poetry in Tajik literary studies of Uzbekistan. Among the research works carried out around Gulzoda's poetry, the scientific articles of the famous poet, literary scholar Jaafar Muhammad are more valuable and comprehensive.

**Keywords:** Asad Gulzoda, Tajik poetry, Bukhara, children's poetry, poet's works, researchers

## ДАРОМАД

Дар рӯзи ба нашр омода кардани ин мақола, ки ба мавзӯи пажӯҳиши осори шоири номдори бухороӣ Асад Гулзода дар адабиётшиносии тоҷикии Ӯзбекистон бахшида шудааст, аз иттифоқи бад ин сухангустари тоҷик чашм аз дунё пӯшид. Ба ин хотир мақолаи мазкурро ба посдошти ёди шоир мебахшем.

Дар адабиётшиносии тоҷик дар ҷумҳурии мо ҳусни таваҷҷӯҳ ба шеъри шоироне ба мисли Асад Гулзодаи Бухороӣ ва омӯзиши вижагиҳои ашъори онҳо асосан пас аз истиқлолият ба даст овардани кишвар падид омад. Дар ин “оғози тоза” аҳли илму адаб рисолатеро ба дӯши худ эҳсос намуданд, ки акнун бояд дар ин сарзамин дар заминаи мавҷуда ҳаёти адабиро, дар ҳоли ҷонпайвандияш бо адабиёти муосири тоҷики бародарҳамсояи Тоҷикистон, дар вуҷуди кандаю алоҳида, дар Ӯзбекистон дубора қавӣ созанд. Бори ин рисолат ба дӯши донишгоҳ, рӯзнома ва маҳфилҳои адабӣ афтода буд. Дар муҳити донишгоҳ (масалан, дар Самарқанд), дар рӯзномаҳои тоҷикии кишвар, дар маҳфилҳои адабии шоирон дар ҳавзаҳои мухталиф кам-кам (дар тӯли беш аз сӣ сол) барои рушди ба истилоҳ “адабиёти замони истиқлол” имкониятҳо ба вуҷуд омаданд. Интишор ёфтани рӯзномаҳои нав ва дертар ҳатто маҷаллаи тоҷикӣ, ба роҳ гузошта шудани робитаҳои адабӣ бо Тоҷикистону Эрон ва сафарҳои эҷодӣ ба мамолики хориҷӣ, ба вуҷуд омадани шабакаҳои зиёди тоҷикӣ дар фазои густурдаи интернет, табъу нашри зиёди маҷмӯаҳои ашъори шоирон, баёзу тазкираҳо, нашри мақолаҳои илмиву тақризҳо ба шеъру қиссаҳои адибону шоирон имтиёзе барои инкишофу пешрафти муҳити фарҳангӣ ва нерӯҳои эҷодӣ фароҳам оварданд. Бар пояи заминаи мавҷудаи илмию адабӣ ва фарҳангӣ адабиёте ба гунаи вижа рушд намуд, ки онро ба эътибори ҷуғрофиёӣ “адабиёти тоҷикии Ӯзбекистон” ва ё “адабиёти форсизабони Ӯзбекистон” (дар манбаҳои илмию адабии форсии имрӯза) меноманд.

Шумори шоирони тоҷикро дар Ӯзбекистон ба миқдори гуногун беш аз 200-400 нафар номбар мекунанд. Гурӯҳе аз

инҳо шоирони асил, гурӯҳе ҳаваскор, нафароне бузургсол, баъзеҳо ба ин наздикиҳо даргузаштаанд, чандашон шоири дузабона ва дигарон тоза ба майдони адабиёт гом ниҳода ҳастанд. Ашъорашон дар рӯзномаю маҷаллаҳои маҳаллию ҷуҳуриявӣ ва ҳатто хориҷӣ, дар баёзу тазкираҳо, шабакаҳои интернетӣ интишор ёфтаанд. Ҳама шоирон ба ҳар сатҳу ба ҳар салиқа шеър мегӯянд.

Дар ин мобайн шеърҳои Асад Гулзода, ки раҳоварди фаъолияти фарҳангии чандин даҳсолаанд, ба туфайли фаровонӣ шонс пайдо карданд, ки дар куллиёте фароҳам оянд ва агар хато нашавад, ягона ва якумин шоири муосири тоҷик дар байни шоирони ин сарзамин, ки имкон ёфтааст ашъорашро ба шакли куллиёт даровард, Асад Гулзодаи Бухороист. Ҳатман афзун будани чакомаҳо боиси шӯҳрати шоир намегардад, аммо ба ҳар ҳол баромади мунтазам дар матбуот, аз як сӯ ва арзишмандию аҳаммияти мӯҳтавои шеъри ӯ, аз сӯи дигар, метавонад аҳли илмро водор кунад, ки аз рӯи вазифашиносӣ хусусиятҳои ашъорашро биомӯзанд ва ҳарфе оид ба шеъри ӯ бигӯянд.

## ҚИСМИ АСОСӢ

Асад Гулзодаи Бухорой дар назми тоҷики Ӯзбекистон собиқаи зиёди эҷодӣ дорад. Ва мақоми ӯ дар муҳити адабии Бухорои имрӯза ба хотири сермаҳсулии ӯ ва аз сӯи дигар, ба сабаби камшумории суханварони тоҷик дар ин ҳавза мавриди эътибор ва таваҷҷӯҳи адабиётшиносони тоҷик қарор гирифтааст. Ба қавли шоир ва адабиётшиноси маъруф Ҷаъфар Муҳаммад: “Дар бораи кайфияти ашъор ва маҳорати шоирии Асад Гулзода адабиётшиносону забоншиносон, адибон ва рӯзноманигороне чун Ҷ.Ҳамроев, А.Қамарзода, Т.Чориев, А.Авазов ва дигарон рисолаву мақолаҳои ҷолиби диққат навиштаанд. Вале мақому манзалати шоирии Асад Гулзода фаротар аз он аст, ки дидаву шунидаву шинохтаем. Ва маҳбубият пайдо кардани ӯ дар Тоҷикистону Эрон низ далеле бар ин қазия аст” [4,3].

Майл ва эътибори фарҳангиёни эронӣ ба шеъри Гулзода пеш аз ҳама ҳосили муҳаббаташон ба Бухоро ва “ёрони варорӯдӣ” аст. Ба ин хотир дар донишномаю баёзҳо ва маҷаллаву мақолаҳои алоҳидае, ки дар Эрон мунташир гаштаанд, аз шеъри Асад Гулзода ҳам сухан гуфта, намунаҳои ашъорашро овардаанд. Ва ба хотири он ки маҳз ба туфайли ин шоир ва як-ду нафари дигари чакомасаро дар ин шаҳри қадим – ҳофизу ҳомии дину адабиёт, имрӯз ҳам шеър нафас мекашад, ба чакомаҳои содаи Гулзода эҳтиром мегузоранд, инҳо ки ба шеъри бапирояву ҳунарӣ арзиши бештарро қойил ҳастанд.

Зимни баррасии мӯҳтавои шеъри шоир адабиётшиносон ба ҳамоҳангӣ баланду садодор будани танини ватандӯстиро дар онҳо таъкид мекунанд, ки дуруст аст. Дар яке аз охирин навиштаҳо дар бораи шеъри Гулзода, ки дар шумораи навбатии маҷаллаи маъруфи “Бухоро” яке аз донишмандони эронӣ Масъуди Ҳусайнипур ҳам ин мазмун такрор мешавад, ки гуфта: “Асад ва дар канори ӯ хонум Ҳадя Раҷабова (Ҳадяи Бухороӣ) дар ҳоли ҳозир беҳтарин шуарои шаҳри Бухоро мебошанд. Дар китобҳои шеъри ин ду ба вуфур ба ашъори дар мадҳи Бухоро бармехӯрем. Ба таври куллӣ “ватан”, “шаҳри ман”, “модарватан”, “меҳан” ва... дар китоби (шояд тамоми) шуарои қарни бистуми Осиёи Марказӣ дида мешаванд, ки ин худ нуктаи қобили тааммул аст. Шояд битавон нутфаи ин падидаро ибтидо дар фишори давлати Шӯравӣ барои эҷоди ҳуввияти кишварҳои навсохта (Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон...), ки бо табартақсим эҷод шуда буданд, фарз кард, вале бо шӯълавар шудани ҷанги ҷаҳонии дувум... истилоҳи “шаҳр”, “ватан”, “меҳан” дар миёни мардуми он сомон бидуни нигариши сиёсӣ маънии ҳақиқии худро ёфт ва боистагии ишора ба он дар китоби куллиёт, девони шеъри варорудиён ҳамчунон баҷо мондааст [6,27].

Бале, дарҳақиқат ватансароӣ дар шеъри муосири тоҷик дар чанд марҳила нав ба нав идома гирифтааст: дар назми маорифпарварӣ (оғози асри XX), дар шеъри замони шӯравӣ, дар шеъри худшиносии миллӣ (солҳои 60-ум) ва шеъри замони истиқлоли миллӣ (ки дигар ҳар миллат аз таркиби ҳукумати шӯравӣ давлати соҳибихтиёр шуд). Ватансароӣ бо вижагиҳои васфи бештар аз зодгоҳ, гӯшаҳои ватан, ситоиши ҳар чи арзиши фарҳангӣ дар он, ки марбут ба таърихи гузашта, ниёгони бузургвор, шукӯҳи имрӯзаи шаҳрҳо ва ғ. дар шеъри тоҷикии замони истиқлоли миллӣ ба назар мерасад, чунончи дар ашъори Гулзода зимни овардани номҳои “Ватан”, “Ӯзбекистон”, “Бухоро” ва маҳалҳои маъруфи шаҳр, ҳатто силсилае аз шеърҳо дар васфи Тоҷикистон ҳам зикр мешаванд:

Эй Бухоро, чашмаи илҳоми ман,
Эй Бухоро, шӯҳрату ҳам номи ман.
Бо ту гаштам шоири овозадор,
Бо ту гашта ширу шаккар коми ман. [3,15]

Муҳаббати беқиёс нисбати зодгоҳ, такрор ба такрор аз меҳру муҳаббати худ ба Бухоро гуфтан, дар ҳақиқат, аз вижагиҳои хоси шеъри Асад Гулзода аст. Воқеан, дар ситоиши Бухоро шоир ҳиммати зиёд мекунад ва сухан дареғ намедорад ва мисли ин ки Соиб фармудааст, ки “як умр метавон сухан аз зулфи ёр гуфт...”, ҳамеша номи Бухоро вирди забонаш будааст. Мо ба ин муносибат дар мақолае ӯро

“вассофи №1-и Бухоро” гуфтем [5,87], ки ҳақиқат дорад ва умедворем боиси малоли хотири отири шоир нагашта бошад.

Дар куллиёти осори шоир, ки дар чаҳор ҷилд дар байни солҳои 2017-2022 ба табъ расидаанд, дар сарсуханҳое, ки аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессор Таваккал Чориев, ҳамчунин шоир ва олими намоёни адабиётшинос, доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ навишта шудаанд, доир ба зиндагонӣ ва осори шоир маълумот мавҷуд аст. Дар онҳо Асад Гулзода пеш аз ҳама шоири бачагон ва наврасон муаррифӣ мешавад. Шоире, ки ба мисли Мирсаид Миршакар, Аминҷон Шукӯҳӣ, Гулчеҳра Сулаймонова, Убайд Раҷаб, Абдумалик Баҳорӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Наримон Бақозода, Мавҷуда Ҳакимова, Гулрухсор, Алӣ Бобоҷон, Муҳиддин Фарҳат, Озод Аминзода, Нӯъмон Розиқ, Меҳмон Бахтӣ, Маҳбуба Неъматзода, Салим Кенҷа, Бахтиёри Ҷумъа ва Зебунисои Тоҳириён чизҳои хуби хонданӣ навиштааст [1,11]. Воқеан, сабки эҷодии шоир бо содагию равонӣ, бо холигияш аз мушкилнависию муғлақгӯӣ ва баёни равшану воқеъбинона, барои гуфтани ин навъи ашъор хеле мувофиқ аст. Дар муқаддимаи тӯлонӣ ба ҷилди дуюми куллиёти шоир, ки доир ба шеъри бачагонаи ӯст, муаллиф аҳамияти тарбиявӣ доштан, ба эҷодиёти шифоҳии халқ наздик будани забони шеъри шоирро низ гуфта мегузарад [2,12]. Ҷаъфар Муҳаммад ҳам ӯро дар эҷоди шеъри бачагона устоди беназир ва ашъори бачагонаашро пурмӯҳтаво, аз назари иштироки қаҳрамонҳо ва ашёҳо сер, зиндаву пурҳаракат донистаанд [4,6]. Баръакси баъзе аз шеърҳои шоир, ки дар мавзӯи сохтмони Роғун навишта шудааст, шеъри “Мусулмони ҳақиқӣ”-яш хеле табиӣ аст ва сохтагӣ надорад:

Бобои ман, ки диндор,
Муллои овозадор.
Қуръон аз даст намонанд,
Онро пайваста хонанд.
Намозхонӣ корашон,
Савоби он борашон.
Ҳоҷӣ Имом номашон,
Баланд аст ихлосашон.
Худотарсу худоҷӯй,
Бериёнду ҳақгӯй.
Ҳаҷро адо кардаанд,
Зикри Худо кардаанд.
Бобои ман тақводор,
Хушгуфтору хушатвор. [4,107]

Тибқи таърифе, ки Аминҷон Шукуров ба шеъри Гулзода додааст, “Доираи фарохи фикрронӣ, офаридани нақшҳои тозаи руҳан инсонпарваронаи замони истиқлолият ба ӯ имкон додааст, ки ақидаи ватанпарварӣ, инсондӯстӣ ва баркарории маънавияти миллиро бо мазмуни чуқур ва обуранги баланди бадеӣ тараннум намояд” [1,10]. Аммо аз байни муҳаққиқоне, ки ба омӯзиши хусусияти сабку услуб дар шеърҳои Асад Гулзода ҷиддан рӯй овардаанд, шоир ва олими намоёни адабиётшинос Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ, ки аз зумраи таҳиягарони ашъори шоир барои куллиёти ӯ будааст, бештар ҳиммат варзида, барои дар шакли густурдатар пардохтан ба пажӯҳиши вижагиҳои осори шоир заҳмат кашидааст. Бо такя бар пӯиш бар забони содаи шеърҳо - бо калимаҳои маънусу маъмул дар забони адабии тоҷикӣ, баёни равшани воқеъбин, равонии сухан, ки шеърро матбӯъ гардонидааст, муҳаққиқ Гулзодаро шоири суннатгарои пайрави сабки устод Рӯдакӣ медонад. Ӯ, ки ба пироясозӣ ба шеър камтар мекӯшад, мазмунофариро бар он бартар медонад - он ҳам мазмуноварии воқеӣ. Аз ин ҷо шоири воқеъгарост.

Бо вуҷуди ин ки Ҷаъфар Муҳаммад ба баъзе камбудиҳо аз қабили сактаҳову ҳашвҳо, ноҷӯриву тахриби қофияҳо дар шеър, гоҳо бо киноятe пинҳону гоҳо равшан, ишорат мекунад, боз ҳам рози дилписандии ашъори ин шоирро дар содагию равонӣ, самимияту отифа, риояти таносуби калом ва оҳанг, тасвирпардозӣ ва сужасозӣ медонад. Ва хулосаҳояшро доир ба шеъри Гулзода ба як-ду сухан чунин баён мекунад: “Ҳуҷҷати шоирии Асад Гулзодаи Бухороӣ низ шеъри ӯст: шеъри зинда, гӯё, гуфтугӯкунанда, таҳаррукдиҳанда, сода, равон, самимӣ, рост, дилнишин, хотирнишин, андешаомез, дардошно ва хаёлангез. Мунтақидоне, ки фикр мекунанд ҳастии шеър мубтанӣ бар вазну қофия аст, зоҳирро мебинанд, вале ба дунёи ботинии шеър сар фурӯ намебаранд” [5,5].

Бад-ин тартиб, Асад Гулзода ба мисли Ҳадяи Бухороӣ аз шоирони фидокори ҷафокашу заҳматписанд дар тангнои муҳити адабии Бухорост, ки сода ва зиёд менависад, то сухани волои тоҷикӣ нигаҳдорӣ шавад ва ба гӯши дигарон бирасад. Ӯ мефармояд:

Қадри шоир дафтари ашъори ӯст,
Мисли ганҷи бебаҳо гуфтори ӯст.
Дарди халқаш бар забон орад мудом,
Дар сухан ҳар бурди ӯ, бозори ӯст [4,80].

Омӯзиши хусусиятҳои шеъри Асад Гулзодаи Бухороӣ идома дорад ва умедвор ҳастем, ки дар арафаи синни

муборакн 88-солагии шоир муҳаққиқони тоҷик дар ин мавзӯъ суханҳои муфиду тозае ҳам хоҳанд гуфт.

## ХУЛОСА

1. Асад Гулзода аз нахустин шоирони тоҷикзабони Ӯзбекистони муосир дониста мешавад, ки шеърҳояшро ба шакли куллиёт (дар чор ҷилд) гирдоварӣ намудааст;

2. Васфи Бухоро дар шеъри Гулзода, ки мукаррар дар тамоми куллиёташ ҷой дорад, мавзӯи аввалдараҷа ва ҳамешагӣ аст. Дар онҳо ғояи ҳуввияти миллӣ ва нигаҳдошти ҳофизаи таърихӣ талқин мешавад;

3. Шеърҳои васфи Бухорои шоир мисли як харитаи роҳ ва ё роҳбалад (guide)-и манзум дар кӯчаҳои таърихии Бухорост, чунки як-як дар бораи ёдгориҳои таърихӣ ва зиёратгоҳҳои шаҳраш нақл мекунад;

4. Гулзода ба сабки содаву равон шеър мегӯяд ва баёнаш равшан аст. Корбурди фаровон аз ташбеҳу васфу муболиға ҳам аз завқу салиқаи ҳунарии шоир гувоҳӣ медиҳад, яъне майли бештараш ба гуфтан аст, на ба сохтан.

5. Ба хотири сермаҳсулии эҷодӣ ва ба сабаби камшумории суханварони тоҷик дар ҳавзаи адабии Бухоро ашъори ин шоир мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст ва чандин олимони кишвар дар бобати вижагиҳои услубии осори Гулзода андешаҳои илмии худро баён кардаанд. Дар ин миёна пажӯҳишҳои адабиётшиноси маъруф Ҷаъфар Муҳаммад амиқтар ва фарогиртар ҳастанд.

## REFERENCES

1. Асад Гулзодаи Бухороӣ. Куллиёти осор. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 1. Шеърҳо, ғазалҳо, мухаммасҳо, таронаҳо, дубайтиҳо, қитъаҳо, ҳаҷвияҳо, байтҳо (бо сарсухани Таваккал Чориев). – Т.: “Yangi nashr”, 2017. – 456 саҳ

2. Асад Гулзодаи Бухороӣ. Куллиёти осор. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 2. Шеърҳо, достонҳо, ривоятҳо ва чистонҳо барои кӯдакону наврасон. – Т.: “Yangi nashr”, 2018. – 454 саҳ.

3. Асад Гулзодаи Бухороӣ. Куллиёти осор. Дар 3 ҷилд. Ҷилди 3. Шеърҳо, дубайтиҳо ва чаҳорпораҳо (бо сарсухани Ҷаъфар Муҳаммад) – Т.: “Yangi nashr”, 2019. – 454 саҳ.

4. Асад Гулзодаи Бухороӣ. Куллиёти осор. Ҷилди 4. Шеърҳо, ғазалҳо, дубайтиҳо ва чаҳорпораҳо (бо сарсухани Ҷаъфар Муҳаммад). – Т.: “Yosh avlod matbaa”, 2022. – 432 саҳ.

5. Дилшоди Фарҳодзод. Вижагиҳои шеъри ватанситоӣ. Маҷаллаи адабӣ, илмӣ ва фарҳангии “Дурдонаи Шарқ”, №2/2022, саҳ. 87 – Самарқанд

6. مسعود حسینی پور. ورارود و یاران مهربان(۲۴) مجله ،شماره 154 بهمن/اسفند ۱۴۰۱
بخارا . س. ۲۷

7. Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ. Сипеҳри орзу. Душанбе: 2019.